IQOS ILUMA i

Ин аломат нишон медиҳад, ки ҳангоми истифодаи дастгоҳ чораҳои эҳтиётӣ бояд риоя карда шаванд.

тоҷикӣ

# ОГОҲИҲО ВА ДАСТУРҲО ОИД БА ТЕХНИКАИ БЕХАТАРӢ

**БАРОИ ПЕШГИРИИ ОСЕБҲО, ЛУТФАН ПЕШ АЗ ИСТИФОДА БУРДАНИ ДАСТГОҲ БО ҲАМА ОГОҲӢ ВА ДАСТУРҲО ОИД БА ТЕХНИКАИ БЕХАТАРӢ ШИНОС ШАВЕД.**

**Ин Огоҳӣ ва Дастурҳо оид ба техникаи бехатарӣ ҳамаи ҳолатҳои эҳтимолиро, ки метавонанд ба миён оянд, дар бар намегиранд, бинобар ин ба истифодабарандаҳо тавсия дода мешавад, ки ҳангоми истифодаи дастгоҳ эҳтиёткор ва мулоҳизакор бошанд.**

# ИН ОГОҲИҲО ВА ДАСТУРҲО ОИД БА ТЕХНИКАИ БЕХАТАРИРО БАРОИ ИСТИФОДАИ МИНБАЪДА НИГОҲ ДОРЕД, ЗЕРО ОНҲО ДОРОИ МАЪЛУМОТИ МУҲИМ МЕБОШАНД.

**Ин огоҳӣ ва дастурҳо оид ба техникаи бехатарӣ нисбат ба дастгоҳҳои IQOS ILUMA i™ ва IQOS ILUMA i PRIME™ дахл доранд.**

**Барои ҳама гуна навсозиҳои марбут ба ин Огоҳӣ ва Дастурҳо Оид Ба Техникаи Бехатарӣ аз сомонаи IQOS (дар**

**ҳуҷҷати “Кафолатнома” зикргардида) боздид намоед.**

**Сомонаи www.iqos.com метавонад дар кишвари шумо дастрас набошад.**

## МУХОТАБОНИ МАВРИДИ ҲАДАФ

- Дастгоҳҳои IQOS ILUMA i™, IQOS ILUMA i PRIME™ ва чӯбчаҳои тамокуи гармшавандаи SMARTCORE STICKS™ (СМАРТКОР), ки ба онҳо аз ҷумла чӯбчаҳои тамокуи гармшавандаи TEREA™ дохил мешаванд (минбаъд дар матн - “стикҳои тамокуи SMARTCORE STICKS™”) танҳо барои шахсони расида ба синну соли муқарраргардида дар қонун пешбинӣ шудаанд.
- Дастгоҳҳои IQOS ILUMA i™, IQOS ILUMA i PRIME™ ва стикҳои тамокуи SMARTCORE STICKS™ барои шахсони ба синну соли муқарраршуда расида дар қонунгузорӣ пешбинӣ шудаанд, ки дар акси ҳол тамоку ё маҳсулоти тамоку ва никотиниро истифода мебурданд.
- Кӯдакон ва наврасон ба ҳеҷ ваҷҳ набояд аз дастгоҳҳои IQOS ILUMA i™, IQOS ILUMA i PRIME™ ва стикҳои тамокуи SMARTCORE STICKS™ истифода баранд.
- Ин дастгоҳҳо барои истифода аз ҷониби шахсони дорои қобилиятҳои маҳдуди ҷисмонӣ, эҳсосӣ ё ақлӣ, ва инчунин шахсони бидуни таҷриба ва дониши кофӣ пешбинӣ нашудаанд, ғайр аз ҳолатҳое, ки ин шахсон таҳти назорат қарор доранд, ё ба онҳо оид ба истифодаи дастгоҳ дастур дода шудааст ва онҳо хатарҳои истифодаи онро мефаҳманд.

## ТАМОКУ ВА НИКОТИН

- Стикҳои тамокуи SMARTCORE STICKS™ дорои никотин мебошанд, ки ба вобастагӣ меоварад.
- Истифодаи дастгоҳҳои IQOS ILUMA i™, IQOS ILUMA i PRIME™ ва стикҳои тамокуи SMARTCORE STICKS™ хатарҳои ба саломатиро истисно намекунад. Беҳтарин роҳи коҳиш додани хатарҳои саломатии марбут ба никотин ин комилан даст кашидан аз тамоку ва никотин мебошад.
- Баъзе истифодабарандаҳо метавонанд таъсири ҷонибӣ, аз ҷумла дарди шикам ё қафаси сина, нафастангӣ, сулфа, душвории нафаскашӣ, чарх задани сар, хушкии даҳон, хушкии гулӯ, гингивит, дарди сар, беҳолӣ, банд шудани бинӣ, дилбеҳузурӣ, ҳассосияти даҳон, ҳассосияти гулӯ, қайкунӣ ва тапиши тези дилро эҳсос кунанд.
- Маҳсулоти дорои никотин набояд аз ҷониби одамоне, ки гирифтори бемориҳои қалб, диабети қанд, саръ ё ихтилоҷ ҳастанд, истифода шаванд.
- Инчунин, маҳсулоти дорои никотин набояд ҳангоми ҳомиладорӣ ва ширмаконӣ истифода карда шаванд. Агар шумо ҳомиладор бошед, гумон кунед, ки ҳомиладор ҳастед ё ширмаконӣ доред, шумо бояд истифодаи никотинро комилан қатъ кунед.
- Агар шумо тамокукаширо тарк кунед ё ба дастгоҳҳои

IQOS ILUMA i™ ё IQOS ILUMA i PRIME™ ва стикҳои тамокуи SMARTCORE STICKS™ ё дигар маҳсулоти никотиндор гузаред, ба шумо лозим меояд, ки вояи баъзе доруҳоро (масалан, теофиллин, клозапин, ропинирол) ислоҳ кунед, дар сурати истифода бурдани онҳо.
- Агар шумо саволе дошта бошед, ки оё шумо бояд дастгоҳҳои IQOS ILUMA i™ ё IQOS ILUMA i PRIME™ ё стикҳои тамокуи SMARTCORE STICKS™-ро дар вазъи ҷории саломатии худ истифода баред, шумо бояд бо духтур машварат намоед.

**⚠ МАЪЛУМОТ МУҲИМ ОИД БА ТЕХНИКАИ БЕХАТАРӢ**

⚠ ОГОҲӢ **ХАВФИ НАФАСТАНГӢ, ФУРӮ БУРДАН ВА ҶАРОҲАТ**

- Дастгоҳҳои IQOS ILUMA i™, IQOS ILUMA i PRIME™ ва стикҳои тамокуи SMARTCORE STICKS™-ро ҳамеша аз дастрасии кӯдакон ва ҳайвоноти хонагӣ дур нигоҳ доред.
- ХАВФИ НАФАСТАНГӢ – Дастгоҳҳои IQOS ILUMA i™, IQOS ILUMA i PRIME™, лавозимот барои дастгоҳҳо ва стикҳои тамокуи SMARTCORE STICKS™ дорои қисмҳои хурд мебошанд.
- Стикҳои тамокуи SMARTCORE STICKS™ дорои ҷузъҳои хурди оҳанӣ бо лабаҳои тез мебошанд.
- ХАВФИ ФУРӮБАРӢ:
  - Ҳангоми фурӯ бурдан, стикҳои тамокуи SMARTCORE STICKS™ метавонад ба узвҳои дохилӣ осеби ҷиддӣ расонад, зеро онҳо ҷузъҳои хурди оҳанӣ бо лабаҳои тез доранд.
  - Ҳангоми фурӯ бурдан, стикҳои тамокуи SMARTCORE STICKS™ метавонад заҳролудшавӣ бо никотинро ба вуҷуд оранд.
  - Дар сурати фурӯ бурдани стикҳои тамокуи SMARTCORE STICKS™, фавран ба ёрии тиббӣ муроҷиат намоед.
- ХАВФИ ҶАРОҲАТ – Стикҳои тамокуи SMARTCORE STICKS™-ро ба қисмҳо ҷудо накунед – онҳо дорои ҷузъҳои хурди оҳанӣ бо лабаҳои тез мебошанд. Ҳамеша стикҳои тамокуи SMARTCORE STICKS™-ро танҳо пас аз сардшавии комил бо риояи қоидаҳои партовҳои маишӣ партов намоед.

⚠ ОГОҲӢ **ХАВФҲОИ МАРБУТ БА ДАСТГОҲҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ ВА АККУМУЛЯТОРҲО**

**Хавфҳои барқгирифторӣ**

Риоя накардан ба ин Огоҳӣ ва Дастурҳо Оид Ба Техникаи Бехатарӣ метавонад боиси сӯхтор, таркиш, барқгирифторӣ, расонидани ҷароҳат ба худ ва дигарон, осеб дидани дастгоҳ ё дигар амвол гардад:
- Дастгоҳҳои IQOS ILUMA i™, IQOS ILUMA i PRIME™ танҳо барои мухотабони мавриди ҳадаф пешбинӣ шудаанд.

- Дастгоҳҳои IQOS ILUMA i™, IQOS ILUMA i PRIME™-ро дар ҷойҳое, ки истифодаи дастгоҳҳои электронӣ манъ аст, истифода набаред.
- Ба дастгоҳҳои IQOS ILUMA i™, IQOS ILUMA i PRIME™ ё лавозимоте, ки осеб дидаанд, кушода шудаанд ё вайрон шудаанд, барқ надиҳед ва истифода набаред.
- Дастгоҳҳои IQOS ILUMA i™, IQOS ILUMA i PRIME™-ро дар сурати баромадани моеъи он аз аккумулятор, истифода набаред.
- Дастгоҳҳои IQOS ILUMA i™ ва IQOS ILUMA i PRIME™-ро танҳо дар дохили бино боистифода аз Сими барқдиҳии тасдиқшуда аз ҷониби истеҳсолкунанда (ба баста дохил аст) ва Блоки барқисертификатсияшуда (аз истеҳсолкунандаи мӯътабар алоҳида харида мешавад) барқ диҳед. Лавозимоти аз ҷониби истеҳсолкунанда тасдиқнашударо истифода набаред. Маълумоти муфассалро дар бораи дастгоҳ барои истеъмолкунандагон дар сомонаи www.IQOS.com ё дар бахши “Хусусиятҳои техникӣ”-и ин Дастури Истифодабаранда дастрас кардан мумкин аст, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон сомонаи www.IQOS.com метавонад дастнорас бошад.
- Ин дастгоҳ бояд бо истифода аз Блоки барқ бо қувваи барқ бо шиддати фавқулпасти баромади 5 В ⎓ 2 A пур карда шавад. Маълумоти муфассалро дар қисмати “Хусусиятҳои техникӣ”-и ин Дастури Истифодабаранда пайдо кардан мумкин аст.
- Истифода, барқдиҳӣ ва нигаҳдории дастгоҳҳои IQOS ILUMA i™ ё IQOS ILUMA i PRIME™ дар ҷойҳо бо ҳарорати баланд (масалан, дар фасли тобистон дар дохили мошин ё дар наздикии манобеи гармӣ, ба монанди радиаторҳо ва алангаи кушод) манъ карда шудааст.
- Дастгоҳҳои IQOS ILUMA i™ ё IQOS ILUMA i PRIME™-ро дар ҷойҳое истифода набаред, ки дар он маводҳои оташгиранда, моеъҳо ё газҳо мавҷуданд.
- Дастгоҳҳои IQOS ILUMA i™, IQOS ILUMA i PRIME™, Блоки барқ ё сими барқдиҳиро таҳти таъсири ягон моеъ нагузоред. Ба дастгоҳи IQOS ILUMA i™, IQOS ILUMA i PRIME™ ва (ё) лавозимоти он, агар онҳо тар шуда бошанд ё дар моеъ ғарқ шуда бошанд, даст нарасонед.
- Дастгоҳро бо ягон моводи тозакунанда тоза накунед. Танҳо бо лавозимоти аз ҷониби истеҳсолкунанда тасдиқшуда тоза кунед.
- Дастгоҳро ҳангоми кор карданаш тоза накунед.
- Пайвасткунандаи дастгоҳи IQOS ILUMA i™ ва IQOS ILUMA i PRIME™-ро мунтазам тоза кунед, то ҷамъшавии зарраҳои бегонаро (ба монанди зарраҳои хок) пешгирӣ кунед ва моводи бегона дар пайвасткунандаро пеш аз истифода аз он тафтиш кунед.
- Дастгоҳ муносибати эҳтиёткоронаро талаб мекунад. Партофтани дастгоҳҳои IQOS ILUMA i™, IQOS ILUMA i PRIME™ ва дучор кардани онҳо ба зарбаи сахт манъ карда шудааст.

- Ин дастгоҳ қисмҳоеро, ки аз ҷониби истифодабаранда хидматрасонӣ карда мешавад, надорад. Кӯшиш накунед, ки ҳаргуна ҷузъҳои дастгоҳҳои IQOS ILUMA i™, IQOS ILUMA i PRIME™ -ро кушоед, тағйир диҳед, хидматрасонӣ намоед, ҷудо намоед ё таъмир кунед ё ягон ҷузъ ё аккумуляторро иваз намоед.
- Дастгоҳи баркдиҳии ва дораки IQOS ILUMA i™ ва IQOS ILUMA i PRIME™ бо наслҳои пешинаи дастгоҳҳои IQOS (IQOS 3 DUO™ ва пештар) мувофиқ нестанд. Кӯшиш накунед, ки доракҳои наслҳои қаблии IQOS-ро бо дастгоҳи баркдиҳии IQOS ILUMA i™ ё IQOS ILUMA i PRIME™ барқ диҳед. Кӯшиш накунед, ки доракҳои наслҳои қаблии IQOS-ро бо дастгоҳи баркдиҳии IQOS ILUMA i™ ё IQOS ILUMA i PRIME™ барқ диҳед.
- Агар ин дастгоҳ таҳти таъсири сардӣ, гармӣ ё намии беш аз ҳад гузошта шуда бошад, онро истифода набаред.
- Агар дастгоҳҳои IQOS ILUMA i™ ё IQOS ILUMA i PRIME™ ва/ё лавозимоти онҳо беш аз ҳад гарм шаванд, шарора бароранд, дуд гиранд ё оташ гиранд, ба онҳо даст нарасонед. Агар қобили татбиқ бошад ва имконпазир бошад, ҳангоми хомӯш кардан ё ҷудо кардани дастгоҳ аз барқ эҳтиёткор бошед.
- Ба камераи гармкунӣ ба ғайр аз стикҳои тамокуи SMARTCORE STICKS™ ё дастгоҳ барои баровардани стики тамоку (агар лозим бошад) чизе ворид кардан кӯшиш накунед. Пеш аз баровардани стикҳои тамокуи SMARTCORE STICKS™ бо истифода аз дастгоҳ барои баровардани стики тамоку, боварӣ ҳосил кунед, ки дорак хомӯш аст.
- Ҳангоми истифодабарии дастгоҳ ашёи металлиро ба дорак нагузоред.
- Дастгоҳро танҳо дар ҳарорати аз 0 °C то камтар аз 40 °C истифода бурдан мумкин аст.
- Стикҳои тамокуи SMARTCORE STICKS™ танҳо барои истифодаи якдафъагӣ мебошанд ва набояд дубора истифода шаванд, бо гӯгирд, оташафрӯзак даргиронда шаванд ё ба таври дигар таҳти таъсири оташ гузошта шаванд.
- Дастгоҳҳои IQOS ILUMA i™ ё IQOS ILUMA i PRIME™ ва (ё) лавозимоти онро бо дигар партовҳои маишӣ напартоед, зеро онҳо метавонанд бо об ва (ё) дигар моеъҳо тамос дошта бошанд.

**Хатарҳои вобаста бо аккумулятор**

Дастгоҳҳои IQOS ILUMA i™ ва IQOS ILUMA i PRIME™ бо аккумуляторҳои герметизатсияшудаи литий-ионӣ (Li-ion) кор мекунанд. Дар шароити муқаррарии истифодабарӣ, аккумулятор герметизатсияшуда мебошад. Агар шумо ихроҷи моеъ аз аккумуляторро мушоҳида намоед, чораҳои зеринро риоя кунед:

- Ҳангоми фурӯ бурдани моеъ аз аккумулятор, фавран ба ёрии тиббӣ муроҷиат намоед. Ба қайкунӣ роҳ надиҳед,

чизе нахӯред ва нанӯшед.
- Ҳангоми нафас кашидани буғи моеъи аккумулятор, аз ҳавои тоза нафас гиред ва ба ёрии тиббӣ муроҷиат намоед.
- Дар сурати расидани моеъ аз аз аккумулятор ба пӯст: минтақаи зарардида, аз ҷумла дастҳоятонро бишӯед, аммо ба чашмонатон даст нарасонед.
- Ҳангоми расидани моеъ аз аккумулятор ба чашмон, фавран онҳоро бо оби тозаи равон на камтар аз 15 дақиқа бишӯед ва ба ёрии тиббӣ муроҷиат намоед.

**⚠ ЭҲТИЁТ ШАВЕД** **ХАТАРИ СӮХТАНИ ТЕРМИКӢ**

Риоя накардани ин Огоҳӣ ва Дастурҳо оид ба техникаи бехатарӣ метавонад боиси сӯхтани термикӣ гардад:
- Дастгоҳҳои IQOS ILUMA i™, IQOS ILUMA i PRIME™ ва стикҳои тамокуи SMARTCORE STICKS™-ро дар ҷои тоза, хушк ва хунук нигоҳ доред.
- Дастгоҳҳои IQOS ILUMA i™, IQOS ILUMA i PRIME™ ва стикҳои тамокуи SMARTCORE STICKS™-ро таҳти таъсири намии баланд ё нури бевоситаи офтоб нагузоред.
- Аз стикҳои тамокуи SMARTCORE STICKS™, ки ба гармӣ ё намии шадид дучор шудаанд, истифода набаред.
- Ҳангоми истифода стикҳои тамокуи SMARTCORE STICKS™-ро хориҷ нанамоед.

**⚠ ЭҲТИЁТ ШАВЕД** **ХАТАРИ РУШДИ АКСУЛАМАЛИ АЛЛЕРГӢ**

- Истифодаи дастгоҳҳои IQOS ILUMA i™, IQOS ILUMA i PRIME™ ва стикҳои тамокуи SMARTCORE STICKS™ метавонад боиси аксуламали аллергӣ ба монанди варами рӯй, лабҳо, забон, милкҳо, гулӯ ё бадан, душвории нафаскашӣ ё хиррозанӣ гардад.
- Агар шумо ягон нишонаҳои дар боло зикршударо эҳсос намоед, истифодаи дастгоҳҳои IQOS ILUMA i™, IQOS ILUMA i PRIME™ ва стикҳои тамокуи SMARTCORE STICKS™-ро қатъ кунед ва фавран ба ёрии тиббӣ муроҷиат намоед, зеро онҳо метавонанд нишонаи аксуламали ҷиддии аллергӣ бошанд.
- Баъзе стикҳои тамокуи SMARTCORE STICKS™ метавонанд дорои компонентҳои гиёҳӣ бошанд, ки метавонанд аксуламалҳои аллергиро ба вуҷуд оранд. Дастгоҳҳои IQOS ILUMA i™, IQOS ILUMA i PRIME™-ро дар ҳамроҳӣ бо истифодабарандагони дигар истифода нанамоед, то хатари олудашавии байниҳамдигариро, ки метавонад ба аксуламали аллергӣ оварда расонад, кам кунед.

**ИСТИФОДАИ СТИКҲОИ ТАМОКУИ SMARTCORE STICKS™**
- Дастгоҳҳои IQOS ILUMA i™ ва IQOS ILUMA i PRIME™-ро

танҳо бо стикҳои тамокуи SMARTCORE STICKS™, ки махсус барои дастгоҳҳои насли IQOS ILUMA тарҳрезӣ шудаанд, истифода баред.
- Ҳеҷ гоҳ дастгоҳҳои IQOS ILUMA i™ ё IQOS ILUMA i PRIME™-ро бо дигар маҳсулоти аз ҷониби истеҳсолкунанда тасдиқнашуда истифода набаред. Ин метавонад боиси захм гардад.
- Стикҳои тамокуи SMARTCORE STICKS™-ро бо наслҳои пешинаи дастгоҳҳои IQOS™ (IQOS 3 DUO™ ва версияҳои аз он пештар) истифода набаред.
- Стикҳои тамокуи SMARTCORE STICKS™-ро тағйир надиҳед ё ба онҳо ягон модда илова нанамоед. Ин метавонад боиси захм гардад.

**ХАБАРДИҲӢ ДАР БОРАИ ТАЪСИРИ ЭҲТИМОЛӢ БА ҲОЛАТИ ҶИСМОНИИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДА Ё ҲОДИСАҲОИ НОХУШ**
- Агар истифодаи дастгоҳҳои IQOS ILUMA i™, IQOS ILUMA i PRIME™ ва (ё) стикҳои тамокуи SMARTCORE STICKS™ ба саломатии шумо таъсири манфӣ дошта бошад, бо духтур машварат намоед.
- Шумо метавонед дар бораи ҳар гуна таҷрибаи нохуш ё ҳодисаи номатлуб бевосита тавассути тамос бо Хадамоти дастгирии маҳаллии худ хабар диҳед. Бо гузориш додан дар бораи таҷрибаи нохуш ё ҳодисаи номатлуб, шумо метавонед дар пешниҳоди маълумоти бештар дар бораи бехатарии ин маҳсулот кӯмак расонед.
- Маълумоти иловагиро дар сомонаи www.IQOS.com дастрас намоед, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сомонаи www.IQOS.com метавонад дастрас набошад.

**ХУСУСИЯТҲОИ ТЕХНИКӢ**

**Дорак:**
IQOS ILUMA i™, IQOS ILUMA i PRIME™
Модел: M0010
Вазн: 31г IPX0
Навъи аккумулятор: аккумулятори барқгирандаи литий-ионӣ
Шиддати вуруд: 5 В ⎓ 1.6 A
Истеҳсоли Чин

**Дастгоҳи барқдиҳӣ:**
IQOS ILUMA i PRIME™
Модел: M0021
Вазн: 134 г IPX0
Навъи аккумулятор: аккумулятори барқгирандаи литий-ионӣ
Шиддати вуруд: 5 В ⎓ 2 A
Bluetooth® 5.0
Истеҳсоли Чин

**Дастгоҳи барқдиҳӣ:**
IQOS ILUMA i™
Модел: M0022
Вазн: 109 г IPX0
Навъи аккумулятор: аккумулятори барқгирандаи литий-ионӣ
Шиддати вуруд: 5 В ⎓ 2 А
Bluetooth® 5.0
Истеҳсоли Чин

Ба ин баста на ҳама дастгоҳҳои номбаршуда дар ин Огоҳӣ ва Дастурҳо оид ба техникаи бехатарӣ дохил карда шудаанд.

**Маълумот дар бораи блокҳои барқи мутобиқ**
Модел: S52A21, S21A20, S21A22, S21A23, S21A25, S21A27, S82A40, S82A41, S82A42, S82A43, S82A45, S82A46

Вазн: 42 г IP20
Шиддати вуруд: 100 В-240 В ~ 50-60 Гц 0.3 А
Шиддати баромад: 5 В ⎓ 2 А
Қувваи баромад: 10.0 Вт
Самаранокии миёнаи фаъол: 79.0%
Истеъмоли нерӯ дар ҳолати набудани сарборӣ: <0.09 Вт

**Бо сими барқдиҳии мавҷуд дар баста истифода баред**
Сими барқдиҳии навъи C - навъи C
Истеҳсоли Чин

**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ИСТИФОДАИ ДУБОРАИ IQOS ILUMA i™ ва IQOS ILUMA i PRIME™**
**Барои Иттиҳоди Аврупо ва Минтақаи иқтисодии Аврупо эътибор дорад**



Ин рамз дар дастгоҳ ё дар бастаи он нишон медиҳад, ки ин дастгоҳ ва ҷузъҳои он (аз ҷумла аккумуляторҳо) набояд ҳамчун партови маишӣ мавриди истифодаи дубора қарор дода шаванд. Ба ҷои ин, шумо бояд дастгоҳи истифодашударо бо роҳи интиқоли он ба нуқтаи махсуси ҷамъоварии таъиншуда барои коркарди дубораи дастгоҳҳои барқӣ ва электронӣ супоред. Ҷамъоварӣ ва коркарди ҷудогонаи таҷҳизоти истифодашуда (аз ҷумла аккумуляторҳо) ба сарфаи захираҳои табиӣ ва ҳифзи саломатии инсон ва муҳити зист мусоидат менамояд. Нобудсозии таҷҳизоти истифодашуда ҳамчун партовҳои ба навъҳо ҷудонашудаи маишӣ (масалан, сӯзондан ё баровардани он ва партовгоҳ) метавонад боиси оқибатҳои номатлуб барои муҳити зист ва саломатии одамон гардад. Барои гирифтани маълумоти бештар вобаста ба куҷо супоридани дастгоҳ барои коркарди дубора, лутфан ба мақомоти маҳаллии худ муроҷиат намоед.

**ДАСТУРИ БАРОВАРДАНИ АККУМУЛЯТОР (БАРОИ КОРКАРДИ ДУБОРА)**

**Ба истеъмолкунанда баровардани аккумулятор аз дастгоҳ манъ аст. Пас аз ба охир расидани мӯҳлати истифодабарии дастгоҳ, аккумуляторро танҳо муассисаи ваколатдори коркарди дубора пас аз иҷрои қадамҳои зерин бароварда метавонад.**

**Дастгоҳи барқдиҳии IQOS ILUMA i PRIME™ (Модели M0021):**

Қадами 1. Пеш аз баровардан, барқи дастгоҳро пурра холӣ кунед.
Қадами 2. Лояи резиниро аз сарпӯши дастгоҳи барқдиҳӣ гиред/канед.
Қадами 3. Ду винтро бароварда гиред.
Қадами 4: Пайвасткунаки магнитиро бо истифода аз мурваттобаки хурд (тақрибан 1 мм) бароред.
Қадами 5: Сарпӯшро оҳиста ғеҷонда ба таври амудӣ аз баданаи оҳанӣ бароред.
Қадами 6: Шайбаи резиниро (1 дона) хориҷ кунед ва винтро (1 дона) кушоед.
Қадами 7: Ҳама схемаҳоро (3 дона) ва пайвасткунакҳои онҳоро (2 дона) ҷудо кунед, то ки платаи чопшударо ҷудо кунед.
Қадами 8: 2 винтро аз чаҳорчӯба бароред ва онро аз корпуси металлӣ бароред.
Қадами 9: Аккумуляторро ба боло хам карда бароред ва мувофиқи қоидаҳои маҳаллӣ ба коркарди дубора супоред.

**Дастгоҳи барқдиҳии IQOS ILUMA i™ (Модели M0022):**

Қадами 1. Пеш аз баровардан, барқи дастгоҳро пурра холӣ кунед.
Қадами 2: Панелро кушоед.
Қадами 3: Сарпӯшро кушоед.
Қадами 4: 2 винти болоӣ ва поёниро кушоед.
Қадами 5: Баданаи дастгоҳи барқдиҳиро кушоед.
Қадами 6: Платаи электрониро кушоед (танҳо 1 винт) ва фиксаторро бароред.
Қадами 7: Пайвасткунандаи батареяро аз платаи чопӣ ҷудо намоед. Кабелҳои аккумуляторро набуред.
Қадами 8: Пайвасткунандаи FPC-ро аз платаи чопӣ ҷудо намоед ва 2 плёнкаи каптониро аз батарея ҷудо кунед.
Қадами 9: Батареяро ба боло хам карда бароред ва мувофиқи қоидаҳои маҳаллӣ ба коркарди дубора супоред.

**Дораки IQOS ILUMA i™ ва IQOS ILUMA i PRIME™ (Модели M0010):**

Қадами 1. Пеш аз баровардан, барқи дастгоҳро пурра холӣ кунед.
Қадами 2: Ҳалқаро кушода гиред.
Қадами 3: Сарпӯши фиксаторро кушоед.
Қадами 4: Ҳалқаи ҷафскунандаи модули ғалтакро хориҷ кунед.

Қадами 5: Қисми васлкуниро аз бадана бароред.
Қадами 6: Клеммаҳои батареяро аз қисми паҳлӯи платаи чопӣ лаҳим карда ҷудо кунед ва онро боло бардоред.
Қадами 7: Батареяро бароред ва мувофиқи қоидаҳои маҳаллӣ ба коркарди дубора супоред.

**ТАСДИҚИ МУВОФИҚАТ**

Ширкати “Philip Morris Products SA” бо ин эълом медорад, ки IQOS ILUMA i™ ва IQOS ILUMA i PRIME™ ба талаботи асосӣ ва дигар муқаррароти дахлдори Дастури 2014/53/EU мувофиқат мекунанд. Эъломияи расмии мувофиқатро дар сомонаи www.pmi.com/declarationofconformity ёфтан мумкин аст.

Таърихи истеҳсоли сими барқдиҳӣ дар баста нишон дода шудааст. Мӯҳлати истифода муқаррар карда нашудааст.

Шумо метавонед соли истеҳсоли Дорак ё Дастгоҳи барқдиҳиро тавассути занг ба Хидмати дастгирӣ ва хабар додани рамзи ҳарфӣ - рақамии 14-рақама, ки дар поёни Дорак ё зери панели паҳлӯии Дастгоҳи барқдиҳӣ ҷойгир аст, муайян кунед.

Маълумот дар бораи унсурҳои ба маҷмӯаи шумо дохилшуда дар бастабандӣ оварда шудаанд.

Мӯҳлати хидмати унсурҳои низоми гармкунии индуксионии тамоку IQOS ILUMA i™, IQOS ILUMA i PRIME™ аз рӯзи харид 12 моҳ аст.

Шароити нигоҳдорӣ: дар анборҳои хушку вентилятсияшуда дар ҳарорати аз 0 °C то +60 °C, намии нисбии ҳаво аз 10% то 90%. Фосилаи ҳарорати корӣ аз 0 °C то +40 °C.

Маълумот дар бораи Кафолати Сифат аз ҷониби истеҳсолкунанда пешниҳодшуда, дар Корти Кафолат мавҷуд аст.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон воридкунанда, таъминкунанда ва ташкилоти қабулкунандаи шикоятҳои истеъмолкунандаҳо: ҶДММ “Абад Сармоя”, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, н. Сомонӣ, к. Фотеҳ Ниёзӣ х. 51.

Bluetooth® дар IQOS ILUMA i™ ва IQOS ILUMA i PRIME™ дар фосилаи суръати 2.402 - 2.480 ГГц бо иқтидори максималии баромади суръати фосилаи радиоӣ 10.0 дБм кор мекунад.

Маълумоте, ки дар ин ҳуҷҷат барои истеъмолкунандагони Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ пешниҳод шудааст.

Бо фармоиши “Philip Morris Products S.A.”, Кэ Жанрено, 3, 2000, Нюшател, Швейтсария истеҳсол шудааст.

Тамғаи лафзи ва логотипҳои Bluetooth® тамғаҳои бақайдгирифташуда мебошанд, ки ба Bluetooth SIG, Inc.; тааллуқ доранд; ҳама гуна истифодаи чунин тамғаҳо аз ҷониби ширкати “Philip Morris Products S.A” тибқи иҷозатнома фаъолият менамоянд.

© 2024 Philip Morris Products S.A.

Маълумоти иловагиро дар бораи иҷозатномаҳои нармафзор барои дастгоҳҳои IQOS ILUMA i™ ва IQOS ILUMA i PRIME™ дар сомонаи www.IQOS.com пайдо кардан мумкин аст.